# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Яке аз захираҳои асосии истеҳсол намудани зироатҳои равғандиҳанда дар ҷумҳурӣ - ин васеъ намудани майдони кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо тавассути самаранок истифодабарии заминҳои обӣ ба ҳисоб меравад.

Талаботи рӯзафзуни аҳолии кишварро ба равғани растанӣ ба назар гирифта, зиёд намудани масоҳати кишти зироатҳои равғандиҳанда, аз ҳисоби заминҳои обӣ, бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои биоиқлимӣ, рӯёнидани 2-3 ҳосил дар як сол – вазифаи асосии илмӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз барои ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ кори илмии Бегназаров Д.Б. саривақтӣ буда, мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлили корҳои илмӣ – истеҳсолии бисёрсола нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ оид ба технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ корҳои илмӣ тадқиқотӣ гузаронида нашудааст.

Таҷрибаҳои Бегназаров Д.Б. нишон медиҳанд, ки парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш буда, аз муҳлати кишти нимаи аввали моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га бо ҳосилнокии 33 с/га ғилофакҳо 10025 сомонӣ фоидаи соф ба даст оварда шудааст.

Оид ба мавзӯи тадқиқотӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар маҷмуъ вобаста ба автореферати Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо” мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01. – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи растанипарварии ДАТ
ба номи Ш.Шоҳтемур номзади илмҳои
кишоварзӣ, дотсент Б.А. Қурбонова

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 146 Тел:900737751

Имзои Қурбонова Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии ба номи ш. Шоҳтемур М.А. Тағоева